**«Тасдиқ мекунам»**
**Ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»**
**________профессор Усмонзода А.**
**«_25_»___апрели___ соли 2022**

# ХУЛОСАИ

## кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»

Диссертатсияи Ҳусанбоев Нодир Абдулҳамидович тахти унвони «Истилоҳоти тиббии осори Ҳомид Зоҳидов (ҷанбаи лингвистӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ дар кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба анҷом расид.

Н. А. Ҳусанбоев соли 2009 факултети забонҳои Шарқи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуровро бо ихтисоси филолог – шарқшинос хатм намуд. Аз соли 2009 то соли 2021 дар кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикӣ фаъолият дошт. Соли таҳсили 2021-22 ба кафедраи тахассусии забони тоҷикии факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба ҳайси омӯзгор интиқол гардид.

Роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи мазкур Ваҳҳобов Толиб мебошад.

Дар натиҷаи баррасии рисолаи диссертатсионии Ҳусанбоев Н. А. «Истилоҳоти тиббии осори Ҳомид Зоҳидов» (ҷанбаи лингвистӣ) чунин хулосаҳо бароварда шуданд:

Мақсади асосии кори диссертатсионӣ бо дарназардошти омӯзиши мавзуъ, пеш аз ҳама, таҳқиқи батартиб, ҷамъоварӣ, тасниф ва таҳлилу баррасии истилоҳоти тиббии осори Ҳ. Зоҳидов «Канзи шифо» ва «Хазинаи тибби қадим» мебошад. Дар осори мазкур, ки яке аз сарчашмаҳои муҳимми тибби суннатӣ ба шумор меравад, истилоҳоти зиёде мавриди истифода қарор гирифтаанд, ки аз ин ҷиҳат метавонанд таҳқиқ шаванд.

Аз муҳокимаи диссертатсия дар кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи тоҷики МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” чунин хулоса карда шуд:

Рисолаи илмии унвонҷӯ Ҳусанбоев Нодир таҳқиқи комилу анҷомёфтаи илмӣ маҳсуб ёфта, аз арзишҳои муҳимми назариявию амалӣ ва навгонии илмӣ бархурдор мебошад. Аҳаммияти мавзуи рисола дар он зоҳир мешавад, ки дар забоншиносии тоҷик масъалаи истилоҳоти тиббӣ то як андоза таҳқиқ шуда бошад ҳам, баъзе паҳлуҳои он, аз ҷумла истилоҳоти осори тибби суннатӣ ҳанӯз мавриди пажӯҳиши ҷудогона қарор нагирифтааст. Дар рисолаи Ҳусанбоев Н. истилоҳоти тибби суннатии осори Ҳомид Зоҳидов дар робита ба масъалаҳои зерин баррасӣ гардидааст:

Дар заминаи маводи назарии мавҷудаи олимони ватаниву хориҷӣ мафҳуми истилоҳ баррасӣ гардида, бо таҳлили осори фаровони назарии олимони забоншинос мафҳуми истилоҳ ва моҳияту хусусиятҳои он муайян карда шудааст.

Дар рисола истилоҳоти тиббии осори Ҳомид Зоҳидов ҷамъоварӣ гардида, аз ҷиҳати истифода дар зершуъбаҳои тиб гурӯҳбандӣ шудааст.

Маънии мушаххаси теъдоди муайяни истилоҳоти ҷудогонаи тибби суннатӣ мавриди тавзеҳ қарор гирифта, хусусияти онҳо ба риштаи таҳқиқ омадааст.

Як гурӯҳ вожаҳои мустаъмали забони адабии ҳозираи тоҷик, ки дар осори номбурда ба вазифаи истилоҳ ба кор рафтанд, таҳлил гардида дар заминаи луғатҳои муътамад шарҳ дода шудааст.

Хусусиятҳои луғавии як идда истилоҳот, ки дорои муродифҳои гуногуни мансуб ба забони тоҷикӣ ва забонҳои дигар мебошанд, нишон дода шудааст.

Мавқеи калимаҳои иқтибосӣ, нақши иқтибосот ва тарҷумаи иқтибос дар ғанӣ гардидани истилоҳоти тибби муосири тоҷикӣ нишон дода шудааст.

Дар маҷмуъ, дар диссертатсияи Н. Ҳусанбоев ҷанбаҳои лингвистии истилоҳоти тибби суннатӣ мавриди омӯзиши амиқ қарор гирифтаанд.

**Навовариҳои илмии тадқиқот.** Дар нуктаҳои зерин ба таври мушаххас мушоҳида мегардад.

Мавзуи мавриди пажӯҳиш дар заминаи истилоҳоти тибби халқии мардуми тоҷик бори аввал мавриди тадқиқи густурда қарор гирифта, вижагиҳои истилоҳоти тибби суннатӣ аз ҷиҳати маъно ва истифодаи онҳо дар ҷабҳаҳои гуногуни соҳаи тиб ба риштаи таҳлил кашида шудаанд.

Истилоҳоти тибби суннатӣ аз ҷиҳати ифодаи маъно ва зершуъбаҳои тиб, ба монанди номи бемориҳо, номи давоҳо, номи ахлоту рутубатҳо, номи васоили тиббӣ ҳангоми муолиҷа ва воҳиди вазну андозаҳои тиббӣ тасниф гардидаанд.

Истилоҳоти тибби суннатӣ аз ҷиҳати баромади забонӣ ва истифодаи муродифоти он дар забони муосири тоҷикӣ, ҳамчунин мавқеи онҳо дар тибби муосир мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Истилоҳоти тибби суннатӣ аз ҷиҳати сохтор таҳлил ва баррасӣ шуда, онҳо ба навъҳои сода, сохта ва мураккаб тасниф гардидаанд.

Мавқеи ибораҳои истилоҳӣ ва истифодаи онҳоро дар тибби суннатӣ муайян намуда, истифодаи онҳо дар асари мавриди назар шарҳ ёфтааст.

Доир ба баромади забонии (этимологияи) истилоҳоти тибби суннатӣ ва хусусиятҳои забонии онҳо таҳқиқ шудааст.

Раҳнамои назарӣ дар таълифи рисолаи мазкур таҳқиқоте мебошанд, ки доир ба мафҳуми истилоҳ, сохтмони дастурии вожагону истилоҳотбахшидаи донишмандони маъруф, ба монанди В. В. Виноградов, Д. Лотте, Н. П. Кузкин, А. А. Реформатский, А. Д. Хаютин, Ж. Лазар, В. С. Расторгуева, И. М. Оранский, Т. Чавчавадзе, Л. Пейсиков, Ю. А. Рубинчик, Ҷ. И. Эделман, М. Муин, М. Т. Баҳор, М. Шакурӣ, Д. Саймиддинов, Ш. Рустамов, М. Қосимова, С. Назарзода, С. Сулаймонов, М. Ҳ. Султон, А. Байзоев, П. Нуров, О. Қосимов, С. Раҳматуллозода, , Т. Ваҳҳобов, Т. Шокиров, А. Юсуфов, Ш. Ҳаитова, И. Эшматова ва дигарон мебошанд.

Натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ ва маводи ҷамъоваришуда метавонад барои коркард ва таҳияи фарҳанги истилоҳоти тибби суннатӣ мусоидат намояд. Ҳамчунин, таҳқиқи мазкур барои муайян намудани хусусиятҳои истилоҳоти асарҳои тибби қадим ва роҳҳои пажӯҳиши онҳо дар забоншиносӣ ёрӣ медиҳад.

Маводи диссертатсияи мазкур барои омӯзиши тибби қадим дар тадриси донишгоҳу муассисаҳои олӣ, хусусан соҳаи тиббу филология, ҳамчун маводи дарсӣ аз аҳаммият холӣ нест.

Ба ҳимоя нуктаҳои зерин пешниҳод мегарданд:

Истилоҳоти тиббии «Канзи шифо» ва «Хазинаи тибби қадим»-и Ҳ. Зоҳидов ҷузъи ҷудонашавандаи лексикаи таркиби луғавии забони тоҷикӣ;

Дар ташаккулу таҳаввули он мақом ва ҷойгоҳи хосро доро мебошанд;

Истилоҳоти тиббии «Канзи шифо» ва «Хазинаи тибби қадим»-и Ҳ. Зоҳидов яке аз намунаҳои истилоҳоти тибби суннатии халқи тоҷик;

Қисмати муҳимми таркиби луғавии забони тоҷикӣ;

Мақоми вожа ва истилоҳоти «Канзи шифо» ва «Хазинаи тибби қадим»-и Ҳ. Зоҳидов дар ташаккули истилоҳоти тиббӣ, густаришу инкишофи истилоҳгузинии тибби муосир;

Воҳидҳои истилоҳии «Канзи шифо» ва «Хазинаи тибби қадим»-и Ҳ. Зоҳидов чун сарчашмаи муътамад барои муайян намудани хусусиятҳои сохторию маъноии истилоҳоти тиббӣ;

Калимаҳои маъмули забони тоҷикӣ ва корбурди онҳо дар осори Ҳ. Зоҳидов ба вазифаи истилоҳоти тиббӣ;

Таҳлилу баррасии истилоҳоти тибби суннатӣ аз ҷиҳати баромади забонӣ (арабӣ, юнонӣ, суриёнӣ, туркӣ, ҳиндӣ ва амсоли инҳо);

Хулоса дар кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» қабул шудааст. Дар муҳокима олимони факултети филологияи тоҷик 3 доктори илмҳои филологӣ, профессорон Ваҳҳобов Толиб, Шокиров Туғрал, Ҳасанзода Абдуҷамол номзадҳои илми филологӣ, дотсентон М. Олимҷонов, С. Ҳоҷиев, Н. Ҳикматуллоев, Ш. Муҳаммадиев, Ҳ. Зоиров, С. Ӯзбеков, Ш. Раҳматов, З. Қӯрғонов, М. Хоҷаева, муаллимон А. Қобилов, Н. Баракаева иштирок доштанд.

Иштирок доштанд: 12 нафар

Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” – 12 нафар, “зид” – 0, “бетараф” – 0

Қарори № 9 аз 25-уми апрели 2022

**Мудири кафедраи забони тоҷикии факултети**
**филологияи тоҷики МДТ-и «Донишгоҳи**
**давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»**
**номзади илмҳои филологӣ, дотсент ___________ Олимҷонов М. О.**
**Котиби ҷаласа, сармуаллим ___________________ Қобилов А. А.**

**«Имзоҳои М. Олимҷонов, ва А. Қобиловро тасдиқ мекунам».**

**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**МДТ-и «Донишгоҳи давлатии**
**Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Наврӯзов Э.М.**

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд,**
**гузаргоҳи Б. Мавлонбеков, 1.**
**Тел.: (+992) 900420202**
**E-mail: n.ehson@mail.ru**

**«Тасдиқ мекунам»**

**ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»**

**_________профессор Усмонзода А.И.**

**«_25_» _июни_ соли 2022**

# ХУЛОСАИ

**маҷлиси васеи Шурои олимони факултети филологияи тоҷики МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» оид ба экспертизаи давраи дуюми диссертатсияи Ҳусанбоев Н.А. дар мавзуи «Истилоҳоти тиббии осори Ҳомид Зоҳидов (ҷанбаи лингвистӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ – Хуҷанд, 2022.**

Диссертатсияи Ҳусанбоев Нодир Абдулҳамидович таҳти унвони «Истилоҳоти тиббии осори Ҳомид Зоҳидов (ҷанбаи лингвистӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ дар кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмии диссертатсия:** Ваҳҳобов Толиб – доктори илми филология, профессори кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи тоҷики МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”.

Муҳокима ва экспертизаи давраи якуми диссертатсия дар ҷаласаи васеи кафедраи забони тоҷикии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» санаи 25-уми апрели 2022, протоколи № 9 баргузор гардидааст.

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос.** Диссертатсия ба шиносномаи ихтисос ва мазмуну муҳтавои он ба

тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мутобиқат дорад.

**Алоқамандии мавзуи дисертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Таҳқиқот дар заминаи сиёсати давлатии соҳаи забон дар марҳалаи ҳозира робитаи мустақим дошта, дар асоси «Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030» ба амал бароварда мешавад.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ бо муҳтавои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷмуаҳои илмӣ ва маҷаллаҳои давр тавассути фишурда (автореферат) ва номгӯйи мақолаи илмӣ, (аз ҷумла, 3 мақола дар нашрияҳои дар қайди КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда), манзури доираи васеи хонандагон гардиааст, чунончи:

**Феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ:**

**а) мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

[1-М]. Ҳусанбоев Н. Оид ба баъзе хусусиятҳои истилоҳоти тиббии иқтибосии юнонӣ дар «Канзи шифо» ва «Хазинаи тибби қадим»-и Ҳомидҷон Зоҳидов [Матн] / Н. Ҳусанбоев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2019, № 6 (83). – С. 88 - 91

[2-М]. Ҳусанбоев Н. Нақши калимаҳои арабишудаи тоҷикӣ (муарработ) дар сохтори истилоҳоти тиббии “Канзи шифо” ва “Хазинаи тибби қадим”-и Ҳомид Зоҳидов [Матн] / Н. Ҳусанбоев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2021, №5 (94). – С. 10 - 14.

[3-М]. Ҳусанбоев Н. Роҳҳои созмони истилоҳоти тиббӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси осори тиббии Ҳомид Зоҳидов) [Матн] / Н. Ҳусанбоев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022, № 4(99) 190 – С. 12-17.

**б) мақола, маърӯза ва дигар корҳо**

[4-М]. Ҳусанбоев Н. Перомуни баъзе масъалаҳои истилоҳоти тиббӣ дар «Канзи шифо» [Матн] / Н. Ҳусанбоев // Тӯҳфаи аҳбоб. – Хуҷанд, 2012. – С. 413-417.

[5-М]. Ҳусанбоев Н. Чанд нукта оид ба омӯзиши истилоҳот дар забоншиносӣ [Матн] / Н. Ҳусанбоев // Навсафари ҷодаи илм. – Хуҷанд: Ношир, 2014. – С. 245-249.

[6-М]. Ҳусанбоев Н. Баъзе хусусиятҳои истилоҳоти тиббии иқтибосии юнонӣ дар «Канзи шифо» ва «Хазинаи тибби қадим»-и Ҳомидҷон Зоҳидов [Матн] / Н. Ҳусанбоев // Оинадори ҳусни сухан. – Хуҷанд: Вектор Канд, 2015. – С. 230 - 235.

[7-М]. Ҳусанбоев Н. Чанд нукта оид ба сохтор ва хусусиятҳои истилоҳоти тиббии “Хазинаи тибби қадим» [Матн] / Н. Ҳусанбоев. Ошёни меҳр. – Хуҷанд: Меъроҷ, 2016. – С. 185-189.

[8-М]. Ҳусанбоев Н. Истилоҳоти иқтибосии туркӣ (ӯзбекӣ) дар «Канзи шифо» ва «Хазинаи тибби қадим»-и Ҳомидҷон Зоҳидов [Матн] / Н. Ҳусанбоев [Матн] // Н. Ҳусанбоев. Маводи Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Ҳамкории иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистону Ӯзбекистон: таърих ва замони муосир» (21-22-юми июни 2019). – Хуҷанд: Нури маърифат, 2019. – С. 703-706. - 828 с.

[9-М]. Ҳусанбоев Н. Чанд мулоҳиза доир ба истилоҳоти иқтибосии суриёнӣ дар «Канзи шифо» [Матн] / Н. Ҳусанбоев. Шамси маърифат. – Хуҷанд, 2018. – С. 216-221.

[10-М]. Ҳусанбоев Н. Тӯракул Зеҳнӣ ва тозагии забон [Матн] Н. Ҳусанбоев. Зеҳнинома. – Душанбе, 2022. – С. 147-154

**Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ва ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Хулоса ва натиҷаҳои диссертатсия тавассути маъруза ва гузоришоти илмӣ дар конференсияҳои илмию амалии сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ, донишгоҳӣ ва семинарҳои методӣ ба олимону омӯзгорони МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» манзур карда шудаанд.

Матлабҳои амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот зимни “Хулосаҳо”-и диссертатсия дар интишороти муаллиф (бо ишора ба рақами мақолаҳо) ва қисмати “Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот” дар 4 банд нишон дода шудаанд.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқот** иборат аз он аст, ки дар заминаи баррасии осори таҳқиқотии олимону муҳаққиқони забоншиноси ватаниву хориҷӣ истилоҳоти тиббии осори табиб ва луғатшинос Ҳ. Зоҳидовро ба таҳқиқ кашида, роҳу усулҳои истилоҳшиносии муосирро ба кор бурда, бо таҳия намудани мақолаҳо ва маърӯзаҳои илмӣ низоми истилоҳоти тиббии «Канзи шифо» ва «Хазинаи тибби қадим»-ро аз ҷиҳати маъно, сохтори истилоҳот ва этимология мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор додааст.

**Пешниҳоди диссертатсия ба Шурои диссертатсионӣ.** Дар анҷоми маҷлис раисикунанда – декани факултети филологияи тоҷик, дотсент Тиллохоҷаева М. дар бораи шахсият ва фаъолияти омӯзгории унвонҷӯ Ҳусанбоев Н. сухан ронда, дар асоси андешаҳои дар маҷлис баёншуда чунин лоиҳаи хулосаи маҷлисро пешниҳод кард: диссертатсия дар мавзуи мубрам ва ҳанӯз таҳқиқнашуда бо назардошти амалисозии барномаҳои дурнамои давлатии рушди забони давлатӣ ва такмили таълими он таълиф гардидааст, мазмуни кор ба мавзуъ ва шиносномаи ихтисос мутобиқ аст, автореферат муҳтавои диссертатсияро дар бар мегирад, натиҷаҳои таҳқиқ муфассал дар 10 мақолаи илмӣ интишор ёфтааст.

Бо назардошти андешаҳои мазкур, Шурои олимони факултети филологияи тоҷики МДТ-и «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дар маҷлиси васеи худ (протоколи № 10, аз 25. 06. 2022.) диссертатсияи Ҳусанбоев Нодир Абдулҳамидовичро дар мавзуи «Истилоҳоти тиббии осори Ҳомид Зоҳидов (ҷанбаи лингвистӣ)» ҳамчун таҳқиқоти комилан анҷомёфта бо дарназардошти ислоҳи хатоҳои зикршуда барои баррасӣ ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

барои дифоъ оид ба дарёфти дарачаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод кард.

**Иштирок доштанд:** 23 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ:

“тарафдор” – 23 нафар, “зид” – нест, “бетараф” – нест.

Протоколи № 10 аз 25-уми июни соли 2022.

**Раиси Шурои олимони**
**факултети филологияи тоҷик,**
**номзади илми филология, дотсент:** **Тиллохочаева М.**

**Муқарризони экспертизаи давраи дуюми диссертатсия –**

**номзади илми филология, дотсенти**
**кафедраи умумидонишгоҳии**
**забони тоҷикӣ:** **Бобоҷонова Д.А.**

**доктори илми филология, профессори**
**кафедраи умумидонишгоҳии забони**
**тоҷикии ДДОТ ба номи С. Айнӣ** **Расулов С. М.**

**Котиби маҷлис, номзади илми**
**филология, дотсент:** **Қосимова И.Т.**

**«Имзоҳои М. Тиллохоҷаева, Д. Бобоҷонова, С. Расулов, ва И. Қосимоваро тасдиқ мекунам».**

**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**МДТ-и «Донишгоҳи давлатии**
**Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»:** **Наврӯзов Э.М.**

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд,**
**гузаргоҳи Б. Мавлонбеков, 1.**
**Тел.: (+992) 900420202**
**E-mail: n.ehson@mail.ru**